# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Шодизода Начибулло Маҳмадризо дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ: таҳқиқоти умуминазариявӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат (ш. Душанбе, 2026. – 41 саҳ.).**

Ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар шароити ташаккули давлати ҳуқуқбунёд, таҳкими қонуният ва мубориза бар зидди ҳуқуқвайронкуниҳо, хосатан шакли вазнин ва нисбатан зараровари он ба ҷомеа – кирдорҳои ҷиноятӣ яке аз мавзуъҳои муҳимми назарияи давлат ва ҳуқуқ ба ҳисоб меравад. Дар шароити рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ, густариши равандҳои ҷаҳонишавӣ ва тағйирёбии шаклу усулҳои содиршавии кирдорҳои ҷиноятӣ масъалаи такмили асосҳои назариявӣ ва амалии ҷавобгарии ҳуқуқӣ аҳаммияти махсус касб намудааст. Зеро самаранокии сиёсати давлатии муқовимат бо ҷиноятκорӣ ва фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аз сатҳи дурусти дарки моҳият, мазмун ва мақсадҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шакли мураккаби он ҷавобгарии ҷиноятӣ вобастагии мустақим дорад.

Ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ яке аз институтҳои марказии илми назарияи давлат ва ҳуқуқ ба ҳисоб рафта, воситаи асосии амалӣ намудани сиёсати давлатӣ дар самти муқовимат бо ҳуқуқвайронкуниҳо дониста мешавад. Тавассути ин намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ давлат на танҳо ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазои ҷиноятиро татбиқ менамояд, балки сиёсати давлатиро дар самти пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ ва таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, барқарорсозии адолат ва ҳифзи манфиатҳои шахс, ҷомеа ва давлат ба роҳ мемонад. Аз ин рӯ, сатҳи дурусти дарки моҳият, мазмун ва вазифаҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба самаранокии тамоми низоми ҳуқуқӣ таъсири бевосита мерасонад.

Бо вуҷуди он ки масъалаҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар илми ҳуқуқшиносӣ аз ҷониби олимони ватанӣ ва хориҷӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд, то ҳол дар атрофи як қатор масъалаҳои калидӣ ягонагии назариявӣ вуҷуд надорад. Аз ҷумла, мафҳум ва табиати ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ, таносуби он бо ҷазои ҷиноятӣ, асосҳои пайдоиш ва қатъ гардидани он, инчунин ҷойгоҳи он дар низоми умумии ҷавобгарии ҳуқуқӣ мавриди баҳсҳои илмӣ қарор доранд. Ин ҳолат нишон медиҳад, ки масъалаи мазкур ҳанӯз пурра таҳқиқ нагардида, ба омӯзиши амиқ ва ҳамаҷонибаи умуминазариявӣ ниёз дорад.

Мубрамияти мавзуъ инчунин бо раванди ислоҳоти пайвастаи қонунгузории ҷиноятӣ ва сиёсати давлатӣ дар соҳаи ҷавобгарии ҷиноятӣ вобаста мебошад. Дар шароити такмили қонунгузории ҷиноятӣ ва амалияи судӣ масъалаҳои таъмини қонуният, адолати судии ҷиноятӣ ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон аҳаммияти аввалиндараҷа пайдо менамоянд. Дар ин раванд таҳлили илмии ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ метавонад барои такмил додани меъёрҳои ҳуқуқӣ, баланд бардоштани сифати қарорҳои судӣ, амалияи ҳуқуқтатбиқсозӣ ва фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ заминаи муҳим фароҳам оварад.

Аз ҷониби дигар, тағйироти иҷтимоӣ-иқтисодӣ, густариши равандҳои ҷаҳонишавӣ ва пайдоиши шаклҳои нави ҷинояткорӣ, аз ҷумла ҷиноятҳои киберӣ ва фаромиллӣ, аз низоми ҳуқуқӣ муносибати нав ва мукаммалро талаб менамоянд. Дар чунин шароит омӯзиши умуминазариявии ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун воситаи асосии вокуниши ҳуқуқии давлат нисбат ба зуҳуроти зикргардида аҳаммияти калидӣ пайдо мекунад.

Илова бар ин, таҳқиқи мавзуъ барои рушди назарияи давлат ва ҳуқуқ аҳаммияти махсус дорад, зеро ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди асосии ҷавобгарии ҳуқуқӣ яке аз категорияҳои бунёдии ҳуқуқӣ мебошад, ки дар фаҳмиши умумии муносибати давлат ва шахс дар соҳаи ҳуқуқ нақши муҳим мебозад. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ба ташаккули фаҳмиши ягонаи илмӣ, бартараф намудани ихтилофоти назариявӣ ва такмили методологияи омӯзиши назарияи давлат ва ҳуқуқ мусоидат намоянд.

Аҳамияти амалии мавзуъ дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар фаъолияти қонунэҷодкунӣ, амалияи судӣ, фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дар раванди таълими фанҳои ҳуқуқӣ истифода шаванд. Инчунин, пешниҳодҳои илмии муаллиф метавонанд барои беҳтар намудани сиёсати ҷиноятии давлат ва баланд бардоштани самаранокии механизмҳои пешгирӣ ва мубориза бо ҷинояткорӣ мусоидат намоянд.

Ҳамин тариқ, мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии «Ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ: таҳқиқоти умуминазариявӣ» аз ҷиҳати назариявӣ, амалӣ ва методологӣ хеле мубрам буда, ба рушди илми ҳуқуқшиносӣ ва такмили низоми ҳуқуқии миллӣ саҳми назаррас гузошта метавонад.

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки он аз ҷиҳати назариявӣ-ҳуқуқӣ нахустин таҳқиқоти маҷмуӣ ба ҳисоб меравад. Ҷавобгарии ҷиноятӣ на танҳо ҳамчун институти соҳавӣ, балки ҳамчун категорияи умуминазариявӣ низ баррасӣ мегардад, ки бо ҳадафҳо ва воситаҳои сиёсати ҳуқуқии давлатӣ муқоиса карда мешавад. Чунин тарзи таҳлил, имкон медиҳад, ки

хусусияти хоси ҷавобгарии ҷиноятӣ ба таври асоснок ошкор гардида, мақоми он ҳамчун намуди мустақили ҷавобгарии ҳуқуқӣ исбот карда шавад.

Дар раванди таҳқиқот таҳлили мукаммали умуминазариявии асарҳои илмие, ки солҳои охир нашр шуда, ба масъалаҳои мубрами ҷавобгарии ҳуқуқӣ, хосатан ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ бахшида шудаанд, таҳқиқ гардидаанд. Ҳамзамон хусусиятҳои назариявию амалии он дар шароити Тоҷикистон таҳлилу баррасӣ шудааст. Омилҳои асосии ба самаранокии татбиқи қонунгузории миллӣ дар самти ҷавобгарии ҳуқуқӣ таъсир расонанда таҳқиқ ва шарҳ дода шудаанд.

Муаллиф дар хулоса ва пешниҳодҳои илмиаш натиҷаҳои нави илмӣ пешниҳод намудааст, ки барои фаҳмидани хусусиятҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ аҳаммияти калидӣ доранд.

Дар баробари дастовардҳои назарраси илмӣ, дар диссертатсия як қатор ҷанбаҳо ба маънидодкунӣ эҳтиёҷ доранд. Аз ҷумла, дар автореферати диссертатсия масъалаи фарқгузории ҷавобгарии ҷиноятӣ аз дигар намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ бештар аз дидгоҳи назариявӣ баррасӣ гардида, ҷанбаҳои амалии татбиқи он дар фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба таври маҳдуд таҳлил шудаанд. Ба андешаи мо, таҳкими қисми амалӣ метавонист аҳаммияти амалии таҳқиқотро боз ҳам зиёд намояд. Аз ин рӯ, аз муаллиф хоҳиш карда мешавад, ки дар ҳимояи ошкорои диссертатсия роҷеъ ба мавзуи мавриди назар тавзеҳи иловагиро баён медошт.

Мулоҳизаҳои мазкур ҳангоми баҳодиҳии мусбати автореферати таҳқиқоти диссертатсионӣ нақши муайянкунанда намебозанд ва танҳо шаҳодати он мебошанд, ки масъалаҳои мавриди баррасӣ хусусияти баҳснок ва мубоҳисавии илмӣ доранд.

Таҳқиқоти Шодизода Наҷибулло Маҳмадризо мукаммал ва ҳамаҷониба буда, ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии ҷавобгарии ҷиноятиро ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ фаро мегирад. Муаллиф тавонистааст пешниҳодҳои мушаххас ва амалишавандаро ҷиҳати такмили қонунгузорӣ ва баланд бардоштани самаранокии ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ таҳия намояд.

Бо назардошти асосҳои зикршуда метавон гуфт, ки таҳқиқоти диссертатсионии анҷомдодаи унвонҷӯ Шодизода Н.М. оид ба масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз аҳаммияти калони назариявию амалӣ бархӯрдор аст.

Дар маҷмуъ, таҳқиқоти диссертатсионии Шодизода Наҷибулло Маҳмадризо дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ: таҳқиқоти умуминазариявӣ» ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, тасдиқгардида бо қарори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, № 295), мутобиқ буда, муаллиф сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мебошад.

Сардори раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Қудратов Н.А.

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734055, ш. Душанбе, к. Фирдавсӣ 29/1 ҳ. 1, **Тел.:** (+992 237) 935960001. **E-mail:** kudratov.nek@gmail.com

«Имзои Қудратов Н.А.- ро тасдиқ мекунам»:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Ҷӯраев Ш.Н.

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, 734055, ш. Душанбе, кӯчаи Борбад 48/5,**Тел.:** (+992 237) 234-88-02. **E-mail:** kudratov.nek@gmail.com

«5» майи соли 2026